# 112033 - Ҳукми азону иқомат барои мунфарид (танҳогузор)

## савол

Ман баъзан намозҳои фаризаро дар танҳоӣ адо менамоям, чунки дар наздикии ман масҷиде вуҷуд надорад. Оё барои ҳар намоз азону иқомат лозим аст ва ё ҷоиз аст, ки бе азон ё бе иқомат намоз бихонам?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Азону иқомат суннат аст. Дар мавриди воҷиб будани он, байни донишмандон ихтилоф аст, вале бо назардошти маънои умумии далелҳо бароятон беҳтар ва эҳтиётноктар аст, ки азону иқомат бихонед. Вале бар шумо зарур аст, ки ҳар вақт имконият пайдо кунед, бо ҷамоат намоз бихонед. Агар дар масҷиди наздикатон ҷамоатеро пайдо кунед ва ё садои азонро бишнавед, шумо бояд ба муаззин ҷавоб бидиҳед ва бо ҳамроҳии ҷамоат (ба намоз) ҳозир шавед. Агар азонро нашунавед ва дар наздикии шумо масҷид набошад, суннат аст, ки худ азону иқомат бихонед". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (10/238).